**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13.09.2025, №30**

Дар бораи сазовор донистани Нажмудинзода Рисолат Хайридин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 21-уми июни соли 2025, суратмаҷлиси № 20 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нажмудинзода Рисолат Хайридин 10 июли соли 1992 таваллуд шудааст. Нажмудинзода Рисолат Хайридин соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “забоншиносии компютерӣ” хатм кардааст. Пас аз хатми Донишгоҳ соли 2016 ба ҳайси аспиранти ғоибона дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2023 ба ҳайси омӯзгор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 47-и ноҳияи Рӯдакӣ ва аз соли 2023 инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 09.02.2016, № 69-05 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 27.01.2020, бо фармоиши №29-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2016 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст. Имтиҳонҳоро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (забони англисӣ) ва назарияи забон бо баҳои хубу аъло супоридааст.

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 10-уми феврали соли 2025, суратҷаласаи №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Гулназарзода Жило Бурӣ - доктори илми филология, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ:**

**Назарзода Сайфиддин -** узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ;

**Шердилова Сурайё Фармонбековна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович ва ташхисгар номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикии Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович, котиби илмии ҷаласа Шомудинова Фируза Олимҷоновна бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонализода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва

мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

1. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**[1-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Назаре ба таърихи фарҳангнигории тоҷик / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/6 (140). –С. 93-97. ISSN 2413-516X

**[2-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ дар асрҳои миёна / Р Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/7 (163) – С. 140-143. ISSN 2413-516X

**[3-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Назаре ба таърихи ташаккули истилоҳот / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. - № 4 (163) – С. 87-90. ISSN 2413-516X

**[4-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Нақши низоми грамматикии араб дар ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 2 (163) – С. 79-86. ISSN 2413-516X

**[5-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар марҳилаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. - Душанбе, 2021. - № 3 (43). - С. 67-73. ISSN 2226-9355

**[6-М]. Гулназарзода, Ж.Б.** Нақши Пешвои миллат дар рушди забон ва илми забоншиносии тоҷик / Ж.Б. Гулназарзода, **Р.Х. Нажмудинзода** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. - Душанбе, 2024. - № 4 (56). – С. 5-9. ISSN 2226-9355

2. **Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Даврони истиқлол – марҳилаи нави инкишофи истилоҳоти забоншиносии тоҷик / Р.Х. Нажмудинзода // Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони “Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав”. – Душанбе, 2024. - С.260-265

**[8-М]. Нажмудинзода, Р.Х.** Баёни донишмандони асримиёнагии тоҷик доир ба истилоҳоти бахши луғатшиносӣ / Р.Х. Нажмудинзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии “Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ”. - Хуҷанд, 2024. – С.178-182.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ Амлоев Амин Ятимович дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россияву мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А) Агар дар автореферати диссертатсия андешаи худи муаллиф бештар баён менамуд, кор ранги дигар мегирифт;

В) Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ҳусни корро меафзояд.

**2**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодович мусбат буда, ба автореферат се эрод гирифтааст;

А) Дар рафти таҳлили зербобҳои боби аввали автореферат, аз назари муаллифони гуногун мисолҳои зиёд оварда шудаанд (саҳ. 16,17, 18), ки дар диссертатсия дигар китобу дастурҳо низ ҳастанд ва ҳеҷ зарурате дар автореферат овардани онҳо нест.

Б) Ҳангоми таҳқиқ муҳаққиқ фикру андешаҳои назрии пажуҳишгарони соҳаи истилоҳотшиносонро баён намуда, аз чи сабаб бошад мулоҳизаҳои назарии таҳқиқоти худро кам баён намудааст;

В) Муаллиф ҳангоми навиштани автореферат ба баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ роҳ додаст. Дар автореферат, инчунин, баъзе норасоиҳои мантиқии ҷумлаҳо ва услубӣ ба назар мерасад.

**3.** Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракуни назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис Шариф мусбат буда, ба автореферат як эрод гирифтааст:

А.) Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, PhD, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти руси Донишкадаи соҳибкорӣ ва омӯзгории шаҳри Денави Ҷумҳурии Узбекистон Юсупов Алишер Панҷиевич мусбат буда, ба автореферат як эрод гирифтааст:

А). Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– дар илми забоншиносии муосири тоҷик таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, вижагиҳои он дар давраҳову марҳилаҳо ва зинаҳои гуногуни таърихӣ ба роҳ **монда шудаст;**

- аввалин маротиба аз нигоҳи илми мусоири забоншиносӣ ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони бостон ва асри миёна ба таври ҷудогона **омӯхта шудааст.**

- таъсирпазирии байниҳамдигарии низоми грамматикии араб, олимони тоҷиктабор ва ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик **баррасӣ карда** шуд;

- нахустин маротиба истилоҳоти бахши овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарф ва наҳв дар илми забоншиносӣ **гурӯҳбандӣ карда шуд;**

- корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар даврони шуравӣ, рушди он дар замони Истиқлол ва саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё, гиромидошт ва густариши забони тоҷикӣ **муайян карда шудааст**.

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки натиҷа ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар он имкониятҳои фаровонеро барои пажуҳишҳои минбаъдаи забоншиносӣ, масъалаҳои марбут ба истилоҳоти забоншиносӣ мукаммал месозад. Моҳияти амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки маводди диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, таърихи истилоҳоти илмӣ, ба хусус, забоншиносӣ дар факултетҳои равияи филологӣ ва дигар риштаҳои илмҳои башардӯстӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва, ҳамчунин, истилоҳоти махсуси илмии соҳаро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои омӯзиш барои баррасии истилоҳоти забоншиносӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ замина гузошта метавонад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, зимни таҳияи фарҳангномаҳои нави истилоҳоти забоншиносӣ метавонад мавриди истифода қарор дод. Ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони бостон, миёна, нав ва муосир омӯхта шуд, ки он метавонад ҳангоми омӯзиши забоншиносӣ дар ин даврон **мавриди истифода** қарор гирад.

Истилоҳоти забоншиносии тоҷик аз нигоҳи овошиносӣ, луғатшиносӣ, сарф то андозае калимасозӣ ва наҳв ба таври ҷудогона омӯхта шуд, ки маводди бадастомада метавонад дар ин самт **мавриди истифода қарор гирад**.

Мавқеи шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба гиромидошти покии забон ва густариши он ба таври муқаддимотӣ омӯхта шуд, ки он барои доираи васеи хонандагон пешниҳод гардида, барои ҷустуҷӯву пажуҳишҳои мукаммалтар дар ин самт созгор бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад зимни омӯзиши истилоҳшиносӣ, аз ҷумла, истилоҳоти забони тоҷикӣ **мавриди амал қарор гирад.**

Беҳтарин фарҳангномаҳо ва осори донишмандони тоҷики асрҳои миёна аз нигоҳи нави илми забоншиносӣ омӯхта шаванд ва дар ин замина фарҳангномаҳои нав таҳия гардад. Таҳия ва нашр намудани фарҳангномаҳо ва луғатномаҳои соҳавӣ василаи дигар дар шинохти илми истилоҳшиносии тоҷик аст;

Марҳила ба марҳила таҳия ва нашри фарҳанги электронии истилоҳоти забоншиносӣ аз даврони қадим то муосир яке аз василаҳои **рушди забоншиносӣ маҳсуб меёбад.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, вижагиҳои он диққати донишмандону муҳаққиқони ватаниву хориҷиро барвақт ба худ ҷалб карда буд. Боиси зикр аст, ки ин мавзуъ аз ҷониби донишмандону забоншиносони зиёде мавриди омӯзишу пажуҳиш **қарор гирифтааст.**

Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили осори илмии забоншиносони ватанию хориҷӣ, аз қабили Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Р.Х. Додихудоев, Д. Саймиддинов, Ф.Зикриёев, Б.Камолиддинов, Х. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Сулаймонов, С. Назарзода, А. Ҳасанов, Х. Раупов, М. Султонов, С. Раҳматуллозода, З. Мухторов, Ф. Шарипова, Ш. Исматуллозода, М. Саломиён, Д. Ҳомидов, А. Мирбобоев, В. В. Виноградов, А. А. Реформатский, О. С. Ахманова, В. А. Звягинцев, Ф. Гиргас, Г. М. Габучан, С.И. Баевский, В.Т. Ахвледиани, В.А. Лившиц, Ю.А. Рубинчик, А.С. Пейсиков, Л.Т. Герценберг ва дигарон ташкил медиҳад, ки зимни баррасии мавзуъ ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вижагиҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти илмии забоншиносӣ дар шароити муосир зарур буда, ин воҳидҳои луғавӣ дар шаклҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳот дар осори донишмандону фарҳангнигорон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки дараҷаи омӯзишу таҳқиқи илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, дар заминаи ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои амиқи истифодашуда дар илми забоншиносии тоҷик таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асоси маводи фарҳангҳои мавҷудаи пешин ва осори донишмандони асрҳои миёна, инчунин, бахрабардорӣ аз фарҳангҳои тафсирӣ доир ба истилоҳоти забоншиносиро мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор додааст.

Ҳамчунин, саҳми дигари довталаб дар он аст, ки ӯ дар заминаи омӯзиши маводди илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот, таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷикро бо фарогирии вижагиҳои он дар марoҳили гуногуни таърихӣ аз нигоҳи илми муосири забоншиносӣ муайян намудааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 13-уми сентябри соли 2025, №30 дар бораи сазовор донистани Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

аз 12.04. 2025 ш. Душанбе

Баромади Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, баромади муқарризони расмӣ – Назарзода Сайфиддин - узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ ва Шердилова Сурайё Фармонбековна – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон Қосимов Олимҷон Ҳабибович, Матробиён Саодатшо Қосимзода ва Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Нажмудинзода Рисолат Хайридин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводди илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Нажмудинзода Рисолат Хайридин дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Нажмудинзода Рисолат Хайридин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайан намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар Муқобил нест, Бетараф нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

13-уми сентябри соли 2025